**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

аз «26» 06 соли 2024 № 183/ög ш. Душанбе

*Дар бораи аз баррасӣ бозхонд намудани диссертатсия*

Мутобиқи сархати 17 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270) ва банди 117 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267),

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ**:

1. Бо хоҳиши Қурбонхолов Турабек Тошевич, диссертатсияи номбурда дар мавзуи «Становление и развитие физической науки и образования в Таджикистане (1948-2012 гг.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10-Таърихи илм ва техника аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, дар ин асос қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-061 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бекор карда шавад.
2. Ҳимояи такрории диссертатсияи Қурбонхолов Т.Т. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (Ализода Ҳ.С.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Қурбонхолов Т.Т. аз 21 июни соли 2024

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ